# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Муҳити зист яке аз омилҳои асосии ҳаёти инсон ва тамоми мавҷудоти зинда маҳсуб меёбад. Бе муҳити зисти солим, рушди устувор, саломатии ҷомеа ва ҳаёти муътадили инсон ғайриимкон мебошад. Ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти мусоид дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст. Мутобиқи м. 38 Конститутсияи ҶТ «давлат барои солимгардонии муҳити зист тадбирҳо меандешад...» Муқаррароти конститутсионии мазкур уҳдадории давлат оид ба ҳифзи муҳити зист ва таъмини вазъи мусоиди онро пешбинӣ менамояд. Ҳамзамон, «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, такмили қонунгузории экологӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро яке аз вазифаҳои давлат муқаррар намудааст».

Ин санадҳо заминаи ҳуқуқии устуворро барои таҳкими фаъолияти давлат дар соҳаи экология фароҳам оварда, уҳдадориҳои онро дар сатҳи меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда муайян месозанд.

Рушди босуръати тамаддуни инсониро зиёдшавии таъсиррасонӣ ба муҳити зист, махсусан олами ҳайвонот ҳамроҳӣ мекунад. Чунин таъсиррасонӣ ба нобудшавии босуръати намудҳои зиёди мавҷудоти зинда, аз ҷумла ҳайвонот оварда мерасонад. Таъмини амнияти экологӣ дар соҳаи нигоҳдории гуногунии биологӣ дар сайёра яке аз масъалаҳои ҷаҳонии асри XXI маҳсуб меёбад, зеро башарият ба қувваи неруманде табдил ёфтааст, ки тавоноии харобсозӣ ё пурра аз истифода берун намудани муҳити табииро дорад.

Ҷиноятҳое, ки ба амнияти экологӣ ва муҳити зист таҳдид мекунанд, кирдорҳоеро ифода менамоянд, ки дорои дараҷаи хавфнокии баланди ҷамъиятӣ мебошанд. Онҳо дар боби 24-уми фасли IX Кодекси ҷиноятии ҶТ ба таври муфассал зикр ёфтаанд. Аз ҷумла, ба чунин ҷиноятҳо шикори ғайриқонунӣ дохил мешавад, ки барои он дар м. 232 Кодекси ыиноятии ҶТ ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст. Муқаррар гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдорҳо чораи муҳиме мебошад, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба шароити мусоиди муҳити атроф, таъмини устувории экологӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ нигаронида шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба хатарҳои равандҳои нобудсозии муҳити табиӣ, пурзурнамоии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун воситаи пешгирӣ ва танзимнамоӣ аҳаммияти махсусро касб менамояд.

Мавриди зикр аст, ки вазъи муҳити зист ва иқтидори табиӣ, махсусан гуногунии биологӣ тағйирёбанда буда, пеш аз ҳама, аз омили инсонӣ вобаста мебошад. Мутобиқи маълумоти оморӣ, гарчанде содиршавии ҷиноятҳое, ки бо

мебошад. Мутобиқи маълумоти оморӣ, гарчанде содиршавии ҷиноятҳое, ки бо шикори ғайриқонунӣ алоқаманданд, ҳамчун яке аз намудҳои ҷиноятҳои экологӣ дар кишвар кам ба қайд гирифта шуда бошанд ҳам, тамоюли содиршавии онҳо то ҳол идома дорад. Чунончи, тибқи маълумоти оморӣ дар давоми соли 2013 барои шикори ғайриқонунӣ 2 нафар, 2014 – 3 нафар, 2015 – 6 нафар, 2016 – 5 нафар, 2017 – 2 нафар, 2018 – 4 нафар, 2019 – 1 нафар, 2020 – 7 нафар, 2021 – 0, 2022 – 1 нафар, 2023 – 6 нафар ва дар 3 – моҳи аввали соли 2024 – 1 нафар ба ҷавобгарӣ кашида шудааст. Гарчанде ин шумораҳо дар муқоиса бо дигар намуди ҷиноятҳо зиёд набошанд ҳам, эҳтимолияти латентнокии ин ҷиноятҳо, яъне пинҳон мондан ва ба қайд гирифта нашудан, баланд арзёбӣ мешавад, ки ин як масъалаи ҷиддии амалӣ ва назариявӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Инчунин, афзоиши мавридҳои сабти чунин ҷиноятҳо метавонад натиҷаи беҳтар шудани назорат ва усулҳои тафтишотӣ бошад, на ин ки ҳатман натиҷаи афзоиши воқеии шумораи ҷиноятҳо.

Муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ ба ҳимоя намудани олами ҳайвонот, махсусан ҳайвоноти нодир ё зери хатари нобудшавӣ қарордошта, нигаронида шудааст. Амалисозии чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ масъалаи мубрами ҷомеаи муосир мебошад, ки омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқро талаб мекунад.

Омӯзиши мавзуи зикргардида дар доираи таҳқиқоти илмӣ имкон медиҳад, ки на танҳо қонунгузории миллӣ таҳлил гардад, балки таҷрибаи муқоисавии давлатҳои дигар низ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Дар баробари ин, зарур аст таъкид гардад, ки дар амалияи ҳуқуқии судҳо ва мақомоти тафтишотӣ аксаран масъалаи муайянсозии хатти тафриқа байни ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ пеш меояд. Дар чунин ҳолатҳо, дақиқ муайян намудан ва асосноккунии ҳуқуқии мувофиқати амалҳои содиршуда ба таркиби ҷинояти мушаххасе, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам гардидааст, ниҳоят муҳим мебошад. Бо ибораи дигар, дуруст бандубаст намудани чунин кирдорҳо зарур аст. Дар ин ҷо нақши муҳимро фарқгузории ҷиноятҳои экологӣ ва ҳуқувайронкуниҳои маъмурӣ мебозад. Таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба шикори ғайриқонунӣ нишон медиҳад, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ одатан маҳз ҳангоми фарқгузории ҷиноятҳо ва кирдорҳои маъмурӣ ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Ҳамин тавр, омӯзиши назариявӣ ва таҳлили амалии татбиқи қонунгузорӣ дар масъалаи фарқгузории дурусти ин кирдорҳо яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти ҳуқуқӣ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқи ҷиноятии кишвар мубрам буда, метавонад ҳамчун воситаи мукаммалсозӣ ва рушди қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба шикори ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намояд.

Аз ҳамин лиҳоз, мавзуи диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом воқеан мубрам буда, таҳқиқоти саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Исломзода Илҳом Ислом соли 2009 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2014 хатм намудааст.

Аз соли 2015 то соли 2023 дар вазифаҳои гуногуни Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди ДМТ фаъолият намуда, аз 15.01.2024 то 26.08.24 сол муовини декан оид ба корҳои таълим дар факултети педагогика ва варзиши Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт фаъолият намудааст. Инчунин аз 01 сентябри соли 2024 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Исломзода Илҳом Ислом аз муқаддима, 3 боб 9 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ: таҳлили назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар доираи он масъалаҳои умуминазариявӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ, ҳамзамон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории давлатҳои дигари аъзои ИДМ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифта, хусусиятҳои умумӣ ва фарқияти онҳо муайян карда шудааст.

Боби дуюми таҳқиқот «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ» ном дорад. Он аз чор зербоб иборат буда, таҳлили ҳамаҷонибаи унсурҳои асосии таркиби ҷинояти шикори ғайриқонуниро дар бар мегирад.

Боби сеюми таҳқиқот бошад, «Тавсифи криминологии шикори ғайриқонунӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур, масаълаҳо вобаста ба хусусиятҳои микдорӣ ва сифатии шикори ғайриқонунӣ, тавсифи криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ муайян шуда, ҳамзамон, сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва роҳҳои пешгирии он мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомёфта доир ба масъалаи шикори ғайриқонунӣ, маҷмуи хулосаҳо ва тавсияҳои дорои заминаи илмӣ таҳия гардидааст, ки татбиқи онҳо метавонанд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва таҳкими донишҳои назариявию амалии марбут ба ин падида дар кишвар мусоидат намоянд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфренсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сафарзода А.И.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, куч. Н. Қарабоев, 150/2 х. 18
Тел: (+992) 905-88-63-63
E-mail: Safarzoda.a@dip.tj

Имзои Сафарзода А.И.,- ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«08» 12 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; (+992-37) 227-15-10 Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj